Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзуи “Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсия «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ихтисоси илмии 5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ, ки ба самти илмии 5.2 - Иқтисодиёт мансуб мебошад, мувофиқат дошта, аз рӯйи объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ба масъалаҳои асосии ин ихтисос иртиботи мустақим дорад.

Мазмун ва самти таҳқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ, аз ҷумла 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, мазмун, самти илмӣ, объект ва предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи ихтисоси 5.2.13 – «Иқтисодиёти соҳибкорӣ» мувофиқ буда, масъалаҳои дар диссертатсия баррасишаванда ба самтҳои асосии рушди назария ва амалияи соҳибкорӣ, ташаккули инфрасохтори мусоиди соҳибкорӣ, такмили механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, маблағгузорӣ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, инчунин рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ иртиботи мустақим доранд. Аз ин рӯ, диссертатсия аз рӯйи ихтисос ва самти илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, мутобиқ мебошад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ташаккул ва такмили инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими бахши хусусӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Аҳамияти ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар заминаи татбиқи ҳадафи стратегии

саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ, бештар мегардад. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, татбиқи технологияҳои муосир, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ба сатҳи рушди инфрасохтори соҳибкорӣ робитаи мустақим доранд.

Инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ маҷмуи ба ҳам алоқаманди институтҳо, субъектҳо, воситаҳо ва механизмҳоест, ки барои оғоз, пешбурд ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Ба таркиби он инфрасохтори молиявию қарзӣ, иттилоотию коммуникатсионӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, инноватсионӣ, таълимӣ, логистикӣ ва бозорӣ дохил мешаванд. Рушди ҳамоҳангшудаи унсурҳои мазкур ба беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ, коҳиши хароҷоти амалиётӣ ва баланд шудани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор масъалаҳои институтсионалӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла нобаробарии сатҳи рушди инфрасохтор дар минтақаҳо, маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявию ғайримолиявӣ, зарурати рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва рақамӣ, инчунин такмили ҳамоҳангсозии институтҳои дастгирии соҳибкорӣ алоқаманд мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши илмии масъалаҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба такмили асосҳои методологии рушди он, баланд бардоштани самаранокии механизмҳои дастгирии соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки иқтидори бахши хусусӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар рушди заминаҳои назариявии таҳқиқи инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, такмили воситаҳои методии баҳодиҳии ҳолат ва сатҳи рушди он, инчунин таҳияи механизмҳои институтсионалию ташкилии идоракунӣ ва самтҳои рушди инфрасохтори рақамӣ ифода меёбад. Хусусияти навгонии таҳқиқот аз мутобиқ намудани пешниҳодҳои назариявию методӣ ва амалии таҳқиқот ба хусусиятҳои иқтисодию институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки унсурҳои навгонии илмиро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

- тафсири назариявии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ такмил дода шудааст, ки дар он инфрасохтор ҳамчун маҷмуи ягона ва тағйирёбандаи объектҳои моддию техникӣ, институтҳо, хизматрасониҳо, захираҳо ва меъёрҳои танзимкунанда баррасӣ мегардад. Дар ин замина, давраҳои асосии ташаккул ва рушди инфрасохтор муайян гардида, сохтори функсионалии он аз рӯйи ҳафт самти асосӣ - институтсионалию ҳуқуқӣ, истеҳсолию логистикӣ, молиявию сармоягузорӣ, бозорию тиҷоратӣ ва

касбӣ, иттилоотию рақамӣ, инноватсионию технологӣ ва кадрию иҷтимоӣ мураттаб карда шудааст;

- асосҳои методии баҳодиҳии таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ такмил ёфтаанд, ки дар онҳо нишондиҳандаҳои динамика, сохтор, сатҳи дастрасӣ, иқтидор ва самаранокии истифодаи инфрасохтор дар алоқамандӣ бо натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ арзёбӣ мешаванд. Бо истифода аз маҷмуи усулҳои таҳлилӣ хусусиятҳои нобаробарии рушди инфрасохтор, фарқияти байни афзоиши иқтидори инфрасохторӣ ва сатҳи дастрасии воқеии хизматрасониҳо муайян гардида, вобастагии омории нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рушди унсурҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, нақлиётӣ, тиҷоратӣ ва рақамӣ муайян карда шудааст;
- консепсияи ташкилию институтсионалии идоракунии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ки муносибати байни мақсаду вазифаҳо, субъектҳои идоракунӣ, ваколатҳо, воситаҳои танзим, стандартҳои хизматрасонӣ ва низоми мониторингро ба низом медарорад. Барои татбиқи он маҷмуи воситаҳои идоракунӣ, аз ҷумла феҳристи инфрасохтор ва хизматрасониҳо, шиносномаи ҳудудӣ, стандартҳои хизматрасонӣ, шиносномаи равандҳо ва механизмҳои мониторинги натиҷаҳо асоснок карда шудааст;
- модели функсионалии инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкорӣ такмил дода шудааст, ки чор унсури ба ҳам алоқаманд - инфрасохтори пайвастшавӣ ва иқтидори ҳисоббарорӣ, эътимоди рақамӣ ва идоракунии додаҳо, хизматрасониҳои ҳамгирои давлатӣ ва бозорӣ, инчунин истифодаи технологияҳои рақамӣ ва рушди навовариро фаро мегирад. Дар асоси ин модел самтҳои афзалиятноки такмили хизматрасониҳои рақамӣ, мутобиқсозии равандҳо, ҳамгироии додаҳо, васеъ намудани фарогирии ҳудудӣ, рушди малакаҳои рақамӣ ва ташкили мониторинги натиҷаҳо пешниҳод шудаанд;
- самтҳои дурнамои рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии инфрасохтор ва таъсири онҳо ба муҳити фаъолияти соҳибкорӣ ба назар гирифта шуда, барои такмили сиёсати иқтисодӣ ва институтсионалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи таҳлилӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ба ҳимоя муқарраароти илмии зерин пешниҳод карда шуданд, ки аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок мебошанд:

- моҳияти инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун низоми мураккаб, тағйирёбанда ва бо ҳам алоқаманди объектҳо, институтҳо, хизматрасониҳо, меъёрҳо ва захираҳо муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Дар заминаи ин равиш таснифи муаллифии инфрасохтор аз рӯйи ҳафт зернизоми функсионалӣ таҳия гардида, марҳилаҳои асосии ташаккул ва таҳаввули мазмуни он ба чор давра гурӯҳбандӣ шудаанд, ки барои муайян намудани робитаҳои байни унсурҳо, вазифаҳои онҳо ва самтҳои минбаъдаи рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ имконият фароҳам меорад.

- равиши ягонаи методии арзёбии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ таҳия ва асоснок карда шудааст, ки таҳлили динамикӣ, сохторӣ, муқоисавӣ, коррелятсионӣ ва дурнаморо муттаҳид менамояд. Татбиқи он барои муайян намудани нобаробарии сохторию ҳудудии рушди инфрасохтор, арзёбии дараҷаи вобастагии фаъолияти соҳибкорӣ аз унсурҳои молиявӣ, нақлиётӣ, бозорӣ ва рақамӣ ва муайян намудани тамоюли эҳтимолии тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии инфрасохтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овардааст.
- механизми институтсионалию ташкилии идоракунии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ таҳия гардидааст, ки сатҳҳои стратегӣ, ҳамоҳангсозию функсионалӣ, ҳудудӣ ва операториро дар низоми ягона муттаҳид менамояд. Муайян карда шудааст, ки ҳамоҳангсозии ваколату вазифаҳои ин сатҳҳо ва истифодаи равиши портфелӣ ҳангоми интихоби лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои муайян намудани лоиҳаҳои афзалиятнок ва истифодаи самараноки захираҳо мусоидат мекунад.
- сохтори чорсатҳии инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкорӣ асоснок карда шуда, унсурҳои асосии он, аз қабили пайвастшавӣ ва иқтидори ҳисоббарорӣ, эътимоди рақамӣ ва додаҳо, хизматрасониҳои ҳамгиро ва истифодаю навоварӣ муайян карда шудаанд. Барои рушди мутаносиби ин унсурҳо тадбирҳои марҳилавӣ оид ба содагардонии хизматрасониҳо, ҳамоҳангсозии додаҳо, густариши фарогирии ҳудудӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва мониторинги натиҷаҳо таҳия шудаанд, ки ба баланд бардоштани дастрасӣ ва самаранокии инфрасохтори рақамии соҳибкорӣ равона гардидаанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо, натиҷаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо истифодаи васеи сарчашмаҳои илмӣ, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти расмии оморӣ, маводи таҳлилӣ ва иттилоотӣ оид ба вазъи ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлили динамикӣ, сохторӣ, муқоисавӣ, коррелятсионӣ ва дурнамосозӣ истифода гардидаанд, ки ба хусусияти объект ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада тавассути коркарди омории маълумоти ҷамъоваришуда, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии вазъи инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои асосӣ ва муайян намудани робитаи байни унсурҳои инфрасохтор ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ асоснок карда шудааст. Ҳангоми таҳлил хусусиятҳои сохторию ҳудудии инфрасохтор, сатҳи дастрасии соҳибкорон ба хизматрасониҳои инфрасохторӣ, иқтидори мавҷуда ва самаранокии истифодаи он ба назар гирифта шудаанд.

Асоснокии муқарраротиилмӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда инчунин бо мувофиқати онҳо ба қонуниятҳои рушди иқтисоди бозорӣ, талаботи такмили муҳити соҳибкорӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, таҳлили маълумоти оморӣ ва арзёбии ҳолати воқеии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ таҳия гардида, ба такмили механизмҳои идоракунӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои илми-методӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муқарраротиназариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ ва матнҳои лексияҳо аз фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ» барои донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантҳои PhD бо санадҳои дахлдор тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмии таҳқиқот аввалтар аз ҳама дар рушди асосҳои назариявию методии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ифода ёфта, таърифи муаллифии мафҳуми инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, таснифи зернизомҳои он, даврабандии таҳаввул ва равиши комплексии баҳодиҳии рушди инфрасохторро дар бар мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар рушди минбаъдаи назарияи соҳибкорӣ, иқтисоди институтсионалӣ, идоракунии инфрасохтор, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва иқтисоди рақамӣ истифода шаванд. Ҳамчунин, онҳо метавонанд дар таҳияи маводи таълимӣ ва инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таълими фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ», «Инфрасохтори бозор», «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Иқтисоди рақамӣ» ва дигар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳо ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди соҳибкорӣ, такмили хизматрасониҳои инфрасохторӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ва беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои инфрасохторӣ зоҳир мегардад. Тавсияҳои пешниҳодшуда оид ба ташкили феҳристи ягонаи унсурҳо ва хизматрасониҳо, таҳияи шиносномаи ҳудудӣ ва стандарти хизматрасонӣ, инчунин такмили механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои марбут ба рушди инфрасохтори рақамӣ низ барои содагардонии хизматрасониҳо ва беҳтар намудани дастрасии соҳибкорон аҳамияти амалӣ доранд.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар фароҳам овардани замина барои коҳиши хароҷоти муомилот, вақт ва хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ, баланд

бардоштани самаранокии истифодаи инфрасохтор ва беҳтар намудани тақсимоти захираҳо ифода меёбад. Татбиқи равиши пешниҳодшуда ба интихоби лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва шарикии давлату бахши хусусӣ метавонад барои истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва рушди иқтидори инфрасохторӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот пеш аз ҳама дар беҳтар намудани дастрасии соҳибкорон, аз ҷумла субъектҳои соҳибкории минтақаҳо, ба хизматрасониҳои молиявӣ, нақлиётӣ, иттилоотию рақамӣ ва дигар хизматрасониҳои инфрасохторӣ зоҳир мегардад. Амалӣ намудани тавсияҳои таҳқиқот метавонад ба беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ, рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна, фароҳам овардани имкониятҳои нави иқтисодӣ ва мусоидат ба ташкили ҷойҳои нави корӣ замина гузорад.

Натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия барои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ, ташкилотҳои молиявию инфрасохторӣ, субъектҳои соҳибкорӣ ва шарикони рушд аҳамияти истифодаи амалӣ дошта, метавонанд дар такмили сиёсати давлатӣ дар самти ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд.

Сохтори кори диссертатсия, гузориши мақсад ва алоқамандии мантиқии онҳоро тасдиқ мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 190 саҳифа оварда шудааст ва 34 ҷадвал, 7 расм ва 12 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 133 иборат аст.

### 6. Арзёбии мазмуни диссертасия ва ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Дар бахши муқаддима муҳимияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян шудаанд. Ҳамчунин, объекти таҳқиқ, предмети он ва фарзияи илмӣ мушаххас карда шуда, асосҳои назариявию методологӣ ва манбаъҳои маълумотӣ оварда шудаанд. Навгонии илмии тадқиқот, нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо баён карда шудаанд. Мутобиқати кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқот, натиҷаҳои татбиқшуда ва мақолаҳои илмии вобаста ба мавзуъ низ инъикос ёфтаанд. Илова ба ин, сохтор ва ҳаҷми умумии диссертатсия низ нишон дода шудааст (с. 3–16).

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ»** (саҳ. 17–65) масъалаҳои илмӣ-назариявии моҳияти инфрасохтор ва нақши он дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, унсурҳои асосии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ва робитаи функсионалии онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, инчунин таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро таҳлил

карда, масъалаи мутобиқсозии онҳоро ба шароити Тоҷикистон арзёбӣ мекунад.

Муаллиф мафҳум ва моҳияти инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро ба таври мукаммал таҳлил намудааст. Аз ҷумла, инфрасохтор на танҳо ҳамчун маҷмӯи объектҳои моддию техникӣ, балки ҳамчун низоми ба ҳам алоқаманди ниҳодҳо, захираҳо, хизматрасониҳо ва шабакаҳо баррасӣ гардидааст, ки дастрасии субъектҳои соҳибкориро ба сармоя, дониш, кадр, технология ва бозор таъмин менамояд. Ин мавқеъ барои муайян намудани нақши инфрасохтор дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ дорад (саҳ. 19-24).

Муаллиф дар саҳифаи 27 – и диссертатсия таъсири зернизомҳои институтсионалӣ, истеҳсолӣ-логистикӣ, молиявӣ, инноватсионӣ, рақамӣ ва хизматрасониро тавассути механизмҳои дастрасӣ ба захираҳо, коҳиши хароҷот ва хавф, ҳамоҳангсозии иштирокчиён ва рақамикунонии хизматрасониҳо нишон додааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои ниҳоии он - фаъолшавии соҳибкорӣ, устувории корхонаҳо, рушди инноватсия, рақобатпазирӣ, шуғл ва афзоиши даромад мушаххас карда шудаанд (саҳ. 28).

Дар диссертатсия хусусиятҳои муосири рушди инфрасохтори соҳибкорӣ бо дарназардошти рақамикунонӣ, инноватсия ва хусусиятҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, зарурати арзёбии «ҳалқаи заиф»-и инфрасохтор дар ҳар минтақа, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва логистикӣ, дастрасӣ ба маблағгузории дарозмуддат, омодасозии кадрҳои техникӣ ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои рақамӣ таъкид шудааст (саҳ. 32-34).

Муаллиф дар асоси ҷамъбасти мавқеъҳои олимони гуногун ҳафт зернизоми инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро пешниҳод намудааст (саҳ. 40-41). Ин таснифот аз ҷиҳати фарогирӣ ва имконияти истифода дар таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Ҳамзамон, ҷудо намудани вазифа ва натиҷаи асосии ҳар зернизом дар ҷадвали 1.2 барои муайян намудани нақши функсионалии унсурҳо замина фароҳам овардааст.

Дар таҳқиқот дуруст нишон дода шудааст, ки инфрасохтори соҳибкорӣ танҳо аз инфрасохтори ҷисмонӣ иборат набуда, балки маҷмуи зернизомҳои институтсионалӣ, молиявию захиравӣ, хизматрасонӣ, инноватсионӣ ва бозориро дар бар мегирад. Хусусан, натиҷаҳои таҳлили кишварҳо нишон медиҳанд, ки рушди унсурҳои инфрасохторӣ номутаносиб буда, инфрасохтори истеҳсолию иттилоотӣ нисбат ба интиқоли дониш ва технология ва институтҳои дастрасӣ ба бозор сатҳи баландтар дорад. (саҳ. 50-51)

Дар кор таҷрибаи Аврупо, ИМА ва Канада, Чин, Кореяи Ҷанубӣ, кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, инчунин Россия ва Беларус муқоиса гардида, фарқияти механизмҳои дастгирии соҳибкорӣ нишон дода шудааст. Муаллиф ба таври асоснок таъкид менамояд, ки нусхабардории мустақими модели хориҷӣ самарабахш нест ва бояд хусусиятҳои иқтисодӣ,

институтсионалӣ ва минтақавии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд. (саҳ. 61)

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар саҳифаи 65 дар баробари таҳлили таҷрибаи хориҷӣ муаллиф самтҳои мушаххаси такмили инфрасохтор, аз ҷумла рушди интиқоли дониш ва технология, густариши хизматрасониҳои касбӣ, ташкили робитаи корхонаҳои калон бо субъектҳои нав, рақамикунонии хизматрасониҳо ва гузариш ба баҳодиҳии натиҷавии инфрасохторро пешниҳод намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Таҳлил ва арзёбии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз ҷониби муаллиф рушди соҳибкорӣ дар шароити муосири таъминоти инфрасохторӣ, баҳодиҳии имкониятҳои инфрасохтори соҳибкорӣ таҳлили гардида, инчунин самаранокии таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ бавриди баҳодиҳӣ қарор дода шудааст (саҳ. 66 - 125).

Муаллиф аз саҳифаи 68 то 75-и кор динамикаи рушди соҳибкорӣ дар солҳои 2020-2024 ва дар давраи дарозмуддати 2016-2024 бо истифода аз нишондиҳандаҳои шумораи субъектҳои хоҷагидор, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаклҳои моликият мавриди таҳлилӣ амиқу дақиқ қарор додааст. Хусусан, муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки афзоиши миқдории субъектҳои соҳибкорӣ ҳанӯз ба маънои рушди босифати онҳо нест ва зарурати баҳодиҳии фаъолияти воқеии субъектҳоро таъкид менамояд (саҳ. 73).

Дар саҳифаҳои 83-87 имкониятҳои инфрасохтори соҳибкорӣ аз рӯйи унсурҳои энергетикӣ, нақлиётӣ, рақамӣ ва молиявӣ таҳлил гардида, динамикаи нишондиҳандаҳо барои солҳои 2019-2024 муайян шудааст. Махсусан, муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки афзоиши миқдории инфрасохтор худ аз худ самаранокии онро кафолат намедиҳад ва бояд дастрасӣ, сифат, арзиш ва эътимоднокии хизматрасониҳо низ ба назар гирифта шаванд. Илова бар ин, дар диссертатсия (саҳифаҳои 88-96) таҳлили низоми молиявӣ ва нақши он дар маблағгузории соҳибкорӣ ба таври муфассал анҷом дода шудааст. Диққати махсус ба динамикаи қарздиҳӣ, меъёрҳои фоизӣ, пасандозҳо, рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ ва тағйироти сохтори қарзгирандагон равона гардидааст.

Дар диссертатсия, аз ҷониби муаллиф самаранокии инфрасохтори институтсионалӣ ва нақлиётӣ, фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаллиф нобаробарии натиҷаҳои минтақаҳои озоди иқтисодиро нишон дода, ҳамзамон вобастагии рушди соҳибкориро аз инфрасохтори нақлиётӣ, дастрасии молиявӣ, рақамикунонӣ ва муҳити институтсионалӣ асоснок менамояд (саҳифаҳои 97-105)

Муаллиф бо истифода аз нишондиҳандаҳои энергетикӣ, нақлиётӣ, молиявӣ, рақамӣ ва сармоягузорӣ индекси интегралии самаранокии инфрасохторро ҳисоб намуда, онро ба гурӯҳи «хеле баланд» мансуб донистааст. Ин натиҷа барои арзёбии маҷмуии вазъи инфрасохтори

соҳибкорӣ аҳамияти назариявию амалӣ дорад (саҳ. 115). Ҳамзамон, ҷудо намудани таъсири ҳар як унсури инфрасохтор ба натиҷаи ниҳоӣ барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ муфид мебошад.

Инчунин, дар диссертатсия (саҳ. 118-123) робитаи байни шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва маҷмуи нишондиҳандаҳои инфрасохториро таҳлил гардида, робитаи баланди байни шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ (R=0,9898), сармоягузорӣ (R=0,9800) ва истифодабарандагони интернет (R=0,9610) муайян карда шудааст. Инчунин, бо истифода аз моделҳои регрессионӣ дурнамои нишондиҳандаҳо то соли 2035 ҳисоб карда шудааст. Коэффитсиенти детерминатсияи модели нишондиҳандаи натиҷавӣ $R^2$=0,95 мебошад, ки барои асоснок намудани самтҳои минбаъдаи таҳқиқот аҳамияти муайян дорад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Самтҳои асосии такмили инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** такмили механизми институтсионалию ташкилии идоракунии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, рушди унсурҳои инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, илова бар ин, ташаккул ва такмили инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст (саҳ. 126 - 168).

Муаллиф дуруст пешниҳод менамояд, ки объекти идоракунӣ бояд на як муассиса ё барномаи алоҳида, балки «занҷири дастрасии соҳибкор ба хизматрасониҳои инфрасохторӣ дар тамоми давраи фаъолияти корхона» бошад. Ин мавқеъ имкон медиҳад, ки робитаи байни мақомоти давлатӣ, муассисаҳои молиявӣ, марказҳои хизматрасонӣ ва дигар субъектҳо аз нуқтаи назари ҳалли мушкилоти воқеии соҳибкор арзёбӣ гардад. Муаллиф инчунин пешниҳоди навовариеро ба миён мегузорад, ки самаранокии инфрасохтор на танҳо аз рӯйи шумораи объектҳо, балки аз рӯйи коҳиши вақт, хароҷот ва хавфи муомилоти соҳибкорӣ муайян карда шавад (саҳ. 127).

Дар диссертатсия (саҳ. 130-132) яке аз пешниҳодҳои муҳимми муаллиф модели «идоракунии ҳамгирои инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ» мебошад. Дар он сатҳҳои стратегӣ, функсионалӣ, ҳудудӣ ва оператории тавассути маркази ҳамоҳангсозӣ ба ҳам пайваст карда шуда, робитаҳои амудӣ ва уфуқӣ байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, муассисаҳои молиявӣ, ташкилотҳои касбӣ ва муассисаҳои илмӣ пешбинӣ мешаванд. Ҷиҳати қобили таваҷҷуҳи ин пешниҳод дар он аст, ки муаллиф таъсиси ҳатмии сохтори нави давлатиро пешниҳод накарда, бештар ба тақсимоти дақиқи ваколатҳо, соҳиби раванд, мубодилаи маълумот ва масъулияти натиҷавӣ такя мекунад.

Дар таҳқиқоти мазкур аз ҷониби муаллиф дар саҳифаҳои 145 то 149 пешниҳоди модели «портфели мутавозини ШДБХ» барои рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод шудааст. Андешаи муаллиф дар он ифода меёбад, ки лоиҳаҳои ШДБХ бояд на танҳо аз рӯйи даромаднокии алоҳида, балки аз рӯйи саҳми онҳо дар

бартараф намудани «ҳалқаи маҳдудкунанда»-и тамоми низоми инфрасохтор интихоб карда шаванд. Модели пешниҳодшуда аз панҷ марҳила, ташхиси талабот, интихоби шакли шарикӣ, омодасозии лоиҳа, маблағгузорӣ ва тақсимоти хавф, инчунин назорати натиҷа иборат мебошад. Ин равиш метавонад ҳамчун яке аз пешниҳодҳои асосии муаллиф барои такмили механизми ШДБХ арзёбӣ гардад.

Муаллиф инфрасохтори рақамии фаъолияти соҳибкориро ҳамчун маҷмуи шабакаҳои алоқа ва ҳисоббарорӣ, марказҳои додаҳо, хизматрасониҳои абрӣ, идентификатсия ва имзои рақамӣ, феҳристҳо, стандартҳо, пардохтҳои электронӣ, хизматрасониҳои давлатӣ ва бозорӣ, амнияти киберӣ ва институтҳои рушди малакаҳо муайян намуда, сохтори онро ба чор зинаи амудӣ ва се талаботи уфуқӣ ҷудо кардааст. Ин пешниҳоди консептуалии муаллиф барои муайян кардани моҳияти инфрасохтори рақамии соҳибкорӣ аҳаммият дорад (саҳ. 155-156).

Яке аз пешниҳодҳои муҳимми муаллиф гузариш аз рақамикунонии ҷудогонаи хизматрасониҳо ба ҳамгироии феҳристҳо ва мубодилаи байниидоравии маълумот мебошад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои хизматрасониҳои муҳим «шиносномаи хизматрасонӣ» таҳия шуда, дар он асоси ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, муҳлат, арзиш, марҳилаҳои баррасӣ, натиҷаи ниҳоӣ ва мақоми масъул муайян карда шавад. Ҳамчунин татбиқи марҳилавии принсипи «як маротиба пешниҳод кардани маълумот» пешниҳод шудааст (саҳ. 160-162).

Муаллиф модели чормарҳилагии татбикро, ки аз омодагӣ, озмоиш, рушд ва мустаҳкамсозӣ иборат аст, пешниҳод намуда, таъкид мекунад, ки рақамикунонии ҳамаҷониба бояд тадриҷан сурат гирад. Барои ҳар марҳила натиҷа ва шарти гузариш ба марҳилаи минбаъда муайян карда шудааст (саҳ. 166). Ҳамзамон муаллиф пешниҳод мекунад, ки мониторинг ба нишондиҳандаҳои вақти хизмат, шумораи қадамҳо ва ҳуҷҷатҳо, ҳиссаи анҷоми пурраи рақамӣ, фарогирии минтақавӣ, қаноатмандӣ ва устувории техникӣ асос ёбад (саҳ. 168).

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати такмил ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, рушди хизматрасониҳои молиявию рақамӣ ва таҳкими ҳамкории давлату бахши хусусӣ пешниҳод гардидаанд. (С. 169-173).

## 7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Дар асоси таҳлили маълумоти мавҷуда муайян мегардад, ки натиҷаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия дар 20 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расидаанд. Ҳамчунин 14 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводҳои конференсияҳо чоп шудаанд. Ин нишон

медиҳад, ки таълифоти муаллиф ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ комилан мутобиқ мебошад.

## 8. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илми

Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи диссертатсия пеш аз ҳама дар интихоби самти таҳқиқот, муайян намудани мубрамии масъала, таҳия ва асоснок намудани мақсаду вазифаҳо, муайян кардани объект, предмет ва фарзияи илмии таҳқиқот ифода меёбад. Муаллиф мустақилона маводи назариявӣ, маълумоти оморӣ ва иттилооти таҳлилии зарурииро ҷамъоварӣ, коркард ва мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот равишҳои назариявӣ оид ба инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ҷамъбаст ва таҳлил гардида, мафҳуми инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ такмил дода, даврабандии таҳаввули он ва таснифи зернизомҳои функсионалӣ пешниҳод шудааст. Ҳамзамон, таҷрибаи ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар кишварҳои алоҳида омӯхта шуда, имкониятҳои истифода ва мутобиқсозии унсурҳои пешқадам ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидаанд.

Ҳисобу таҳлили нишондиҳандаҳои динамикӣ ва сохторӣ, таҳлили коррелятсионӣ, муқоисавӣ ва дурнамосозӣ, инчунин ҷамъбаст ва тафсири натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф механизми институтсионалию ташкилии идоракунии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ, равиши интихоби лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва маҷмуи пешниҳодҳо оид ба такмили инфрасохтори рақамӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст.

## 9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, баён гардидаанд.

Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илми, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсия мутобиқи талаботи муқарраргардида оид ба корҳои илмии дараҷаи илмии иқтисодӣ таҳия гардида, мазмун, ҳадаф ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашударо инъикос менамояд. Дар он

масъалаҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф ба таври пайдарпай пешниҳод гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии онҳо нишон дода шудааст. Зикр кардан муҳим аст, ки автореферати диссертатсия пурра мазмун ва муҳтавои кори илмиро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст

## 10. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Умуман, аз ҷиҳати аҳамияти илмӣ ба диссертатсияи мазкур баҳои мусбат дода мешавад. Аммо дар баробари комёбиҳои назаррас дар диссертатсия чунин норасоӣ ва ҳолатҳои баҳсталаб ба назар мерасанд:

1. Муаллиф унсурҳои асосии инфрасохтори соҳибкорӣ ва робитаи байни онҳоро баррасӣ кардааст. Аммо таъсири мутақобила ва аҳамияти онҳо дар марҳилаҳои оғоз, рушд ва васеъшавии соҳибкорӣ ба таври кофӣ асоснок нашудааст. Барои такмили таҳқиқот пешниҳод мегардад, ки модели марҳилавии функсионалӣ таҳия шуда, унсурҳои калидӣ барои ҳар як марҳилаи рушди соҳибкорӣ муайян карда шаванд.

2. Дар саҳифаи 27-и диссертатсия муаллиф модели таъсири инфрасохтор ба рушди фаъолияти соҳибкориро ба тариқи расм (расми 1.2) пешниҳод намудааст, ки он асосан хусусияти консептуалӣ дорад. Мазмуни илмии кор боз ҳам баланд мегардид, агар муаллиф барои баланд бардоштани аҳаммияти воқеии он робитаи байни унсурҳои инфрасохтор ва нишондиҳандаҳои рушди соҳибкориро бо маълумоти оморӣ ё модели эконометрикӣ мавриди санҷиш қарор медод.

3. Дар зербанди 1.3 таҷрибаи байналмилалии рушди инфрасохтори соҳибкорӣ таҳлил шудааст. Аммо барои баланд бардоштани арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот, мувофиқи мақсад мебуд, ки нишондиҳандаҳои кишварҳои хориҷӣ бо нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҷадвали муқоисавӣ пешниҳод карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки фарқиятҳо дар дастрасии соҳибкорон ба маблағгузорӣ, технология, хизматрасониҳо ва бозор ба таври миқдорӣ муайян гардида, самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дақиқтар нишон дода шаванд.

4. Дар зербоби 2.1 рушди соҳибкорӣ ба таври муфассал таҳлил шудааст, аммо робитаи он бо ҳолати инфрасохтори соҳибкорӣ ба қадри кофӣ арзёбӣ нашудааст. Барои такмили таҳқиқот мувофиқи мақсад мебуд, ки низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии инфрасохтор таҳия шуда, бо нишондиҳандаҳои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба қарз ва сармоягузорӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, нақлиёт ва логистика, марказҳои дастгирӣ, арзиши хизматрасониҳо ва дастрасӣ ба бозор муқоиса карда шавад.

5. Дар зерфасли 3.1 модели идоракунии ҳамгирои инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ба таври муфассал пешниҳод гардидааст, аммо

механизми муайян намудани вазни нишондиҳандаҳо ва асосноккунии меъёрҳои мақсадноки онҳо (20%, 30%, 70% ва 75%) мушаххастар шарҳ доданро талаб менамояд.

6. Дар диссертатсия таъсири омилҳои минтақавӣ ба рушди инфрасохтори рақамии соҳибкорӣ бештар тавсифӣ оварда шуда, муқоисаи мушаххаси нишондиҳандаҳо байни минтақаҳо кам ба назар мерасанд. Сифати кор боз беҳтару хубтар мешуд, агар барои таҳкими асоснокии илмӣ фарқияти сатҳи дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ аз рӯйи минтақаҳо бо маълумоти оморӣ баҳодиҳӣ карда мешуданд.

7. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати техникии корро боз хам беҳтар менамуд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 11. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсия дар мавзуи “Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) кори илмии баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он – Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Сардори раёсати рушди стратегӣ ва
идоракунии сифати Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Валиев Н.Ш.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055,
ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
E-mail: Nizomiddin_valiev86@mail.ru
Телефон: (+992) 918144914

Имзои Валиев Н.Ш.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**
21.09.26